«Тасдиқ мекунам»
Ректори МД «Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов», дотсент
Достизода М. ________________
«29» ноябри соли 2024

# ХУЛОСАИ
# КОНСЕРВАТОРИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
# БА НОМИ ТАЛАБХӮҶА САТТОРОВ

Диссертатсияи «**Хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанрҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) дар кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ба анҷом расидааст.

**Абдуллозода Эмомали Асадулло** соли 2018 Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторовро бо ихтисоси мусиқишиносӣ ва соли 2021 шуъбаи магистратураи ҳамин муассисаро аз рӯйи ихтисоси мусиқишиносӣ хатм кардааст. Аз соли 2021 то соли 2024 ба ҳайси докторант дар кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардидааст. Феълан ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Абдуллозода Эмомали Асадулло доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов **Азизӣ Фароғат Абдуқаҳҳорзода** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов аз 30.12.2021, қарори №4 тасдиқ шудааст.

Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ба диссертатсияи Абдуллозода Эмомали Асадулло 17-уми июни соли 2024, №3 маълумотномаи академӣ (транскипт) додааст.

**Аз баррасии дисертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, нуҳ фасл, шаш зерфасл, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад. Сохтори рисола мантиқан дуруст тарҳрезӣ гардида, пайдарпайии масъалаҳои илмӣ таъмин шудааст.

Мавзуи таҳқиқ мубраму муҳим буда, ба омӯзиши мусиқии композитории давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар мусиқишиносии тоҷик таҳқиқоти мукаммал доир ба фаъолияти композиторони ин давра то ҳол хеле маҳдуд мебошад. Аз ин рӯ, баррасии фаъолияти эҷодии Шуҳрат Ашӯров ҳамчун яке аз намояндагони намоёни насли нави композиторони тоҷик аҳаммияти махсуси илмӣ ва фарҳангӣ касб менамояд.

Таҳқиқоти мазкур ба тавсифи умумии раванди ташаккул ва рушди мусиқии композитории давраи соҳибистиқлол равона гардида, дар он эҷодиёти композитор Шуҳрат Ашӯров ҳамчун падидаи муҳимми фарҳанги миллӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки фаъолияти эҷодии композитор дар шароити ташаккули давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон сурат гирифта, хусусиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ин давра ба ташаккули услуб, ҷаҳонбинӣ ва интихоби жанрҳои мусиқии ӯ таъсири бевосита расонидааст.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии** доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи **ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ)** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад.** Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мубрамии интихоби мавзуи диссертатсионӣ** бо он вобаста аст, ки муҳаққиқ нахустхулосаҳои илмиро доир ба хусусиятҳои услубии эҷодии мусиқии композитории Тоҷикистони муосир ба илми мусиқишиносӣ ворид мекунад. Дар натиҷаи иҷрои таҳқиқот нуктаҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

- хусусияти услуби эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар мусиқишиносӣ муайян гардид;
- роҳи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ӯ барасӣ мешаванд;
- нахустин бор асари бузурги саҳнавии ӯ опереттаи «Кони пурганҷ» дар мусиқишиносӣ таҳлил гардидааст;
- бори нахуст таҳлили мусиқишиносии асари саҳнавӣ операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин» ба амал оварда шудааст.
- осори вокалии Шуҳрат Ашӯров бори нахуст ба таври осори ягона ҷамъ оварда шуда, таҳлил гардида ба илми мусиқишиносӣ ворид мешавад.
- осори вокалии Шуҳрат Ашӯров дар шакли маҷмуаи нотавӣ аз чоп бароварда шуд.

Таҳқиқоти пешниҳодгардида, аҳаммияти бузурги назариявӣ ва амалӣ дорад: ба илми мусиқишиносӣ маълумоти нав дар бораи композиторе, ки ягон мақола ба ӯ бахшида нашуда буд, ворид мегардад (1); ба илми мусиқишиносӣ нахустин бор доир ба фаъолияти эҷодӣ ва таҳлили асарҳои нав ворид мегарданд (2); маводи таҳқиқотӣ, мустақим дар ҷараёни таълими ҳам, мактаби олии мусиқӣ ва ҳам мактабҳои миёнаи махсуси мусиқӣ истифода шуда, яке аз мавзуъҳои фанҳои «Таърихи мусиқии муосири тоҷик дар асри XX», «Назарияи мусиқӣ», «Солфеҷио», «Гармония», «Таҳлили асарҳои мусиқӣ» ва диг. костагӣ ва нопуррагии ин фанҳоро қисман ислоҳ менамояд.

Ба ҳайси **асосҳои методологии кори диссертатсионӣ** ба рукнҳои асосии таҳлилоти мусиқишиносии классикӣ ба монанди Б. Асафев, А. Серов, В. Стасов, М. Ярустовский ва диг., мусиқишиносии осиёи марказӣ В. Плунгян, Т. Ғавкрбеков ва инчунин санъатшиносон ва мусиқишиносони

тоҷик Б.И. Қодирова, Ш. Мирзоева Н.С. Янов-Яновская, И.М. Вызго-Иванова, Л.А. Назарова, Э.Р. Гейзер, З.М. Тоҷикова ва диг., такя карда мешавад.

Ҳамзамон муллифи таҳқиқот аз фанҳои мусиқӣ-назариявӣ: «Назарияи мусиқӣ», «Солфеҷио», «Гармония», «Таҳлили асарҳои мусиқӣ», «Арӯз ва мусиқӣ» дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов тайи 7 сол фаъолияти педагогӣ мебарад. Паҳлуи дигари фаъолият омӯзиши осори композиторони тоҷик, ки то ҳол рӯйи чопро надидаанд мебошад. Дар ин ҷода шаклҳои кории нотачинӣ, таҳрирӣ, ташкили консертҳо, барномаҳои телевизионӣ истифода шудаанд.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия** 9 мақола (3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ҶТ, 6 мақола дар маҷалаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ) амалӣ гардонида шудааст. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферaтро инъикос менамоянд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М].** Абдуллозода, Э.А. Талқини нави сохтори куплетӣ аз таҷрибаи педагогии композитор Шуҳрат Ашӯров (дар мисоли суруди «Ливои мо») [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – Душанбе, 2023. – № 4 (44). – С. 292-302.

**[2-М].** Абдуллозода, Э.А. Талқини зарби равона дар асарҳои симфонии композиторони тоҷик Абдуфаттоҳ Одинаев ва Шуҳрат Ашӯров [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Паёмномаи фарҳанг. Нашрияи илмию таҳлилӣ. – Душанбе, 2024. – № 3 (67). – С. 82-88.

**[3-М].** Азизӣ Ф.А., Абдуллозода Э.А. Интродуксияи опереттаи «Кони пурганҷ»-и Шуҳрат Ашӯров – намунаи нави методӣ дар ҳалли композитсионӣ-драматургӣ [Матн] / Ф.А. Азизӣ. Э.А. Абдуллозода // Паёми

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – Душанбе, 2024. - №3 (47). – С. 230-236. (Ҳаммуаллиф).

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**[4-М].** Абдуллозода, Э.А. Аз найрез то найбазм [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Музыкальное искусства ХХ1 века: проблемы и решения (Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ, Тошканд, 5 ноябри соли 2018). – Тошканд, 2018. – С. 76-78.

**[5-М].** Абдуллозода, Э.А. Наврӯзи Консерватория [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов). – Душанбе, 2022. – №1. – С. 15-24.

**[6-М].** Абдуллозода, Э.А. Созҳои хоссаи мусиқии минтақаи Кӯлоб [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов). – Душанбе, 2022. – №2. – С. 57-75.

**[7-М].** Абдуллозода, Э.А. Саҳми Шуҳрат Ашӯров дар мусиқии композитории давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов). – Душанбе, 2023. – №3. – С. 123-130.

**[8-М].** Абдуллозода, Э.А. Операи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин»: рушди драматургӣ [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов). – Душанбе, 2024. – №5. – С. 21-30.

**[9-М].** Абдуллозода, Э.А. Операи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин»: рушди драматургӣ (идома) [Матн] / Э.А. Абдуллозода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов). – Душанбе, 2024. – №6. – С. 13-23.

**Тавсиби аслии натиҷаҳои таҳқиқ** дар конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ ҳамасолаи консерваторияи миллии Тоҷикистон (солҳои 2018, 2019, 2020, 2021, 2022, 2023, 2024), форумҳои байналмиллалӣ дар Қазоқистон (2018), Узбекистон (2018), Тоҷикистон (2024), баромадҳои мусиқишинос пеш аз барномаҳои консертӣ (Душанбе 2023), барномаҳои телевизионӣ (Душанбе 2021, 2022, 2023, 2024) ба амал оварда шудаанд.

**Саҳми шахсии диссертант** дар он ифода меёбад, ки ӯ бори аввал мероси эҷодии композиторро ба таври низомнок ҷамъоварӣ намуда, асарҳои парокандаро гирд оварда, ба шакли илмӣ таҳлил кардааст. Муаллиф ҳамчунин ба нотачинӣ ва таҳрири як қатор асарҳои композитор машғул шуда, онҳоро ба гардиши илмӣ ворид намудааст. Таҳлили мусиқишиносии асарҳои саҳнавӣ ва вокалӣ, муайян намудани хусусиятҳои услубии эҷодиёт ва ҷамъбасти натиҷаҳои илмӣ низ аз ҷумлаи саҳми мустақими довталаб ба ҳисоб меравад. Кори диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқотест, ки оид ба ин мавзуъ ба забони тоҷикӣ анҷом шудааст.

Кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов диссертатсияи Абдуллозода Эмомали Асадуллоро дар мавзуи **«Хусусиятҳои эҷодии композитор Шухрат Ашӯров дар осори вокалии камеравӣ ва саҳнавӣ»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраҳои таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов қабул гардид.

Иштирок дошт: 20 нафар, аз онҳо «тарафдор» – 20 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест, қарори №11, аз 22.11.2024

Раисикунанда: ноиби ректор оид
ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
соҳаи фарҳангшиносии татбиқӣ
E-mail: dilovarl@mail.ru
Телефон: (+992) 907070244

Латифзода Диловар
Назришо

Котиб: номзади илмҳои филологӣ Шарифзода Лутфулло Абдулло

Имзои Д.Н. Латифзода ва
Л.А. Шарифзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов Тошов Муҳаммадюсуф Абдураҳимович

Суроға: ш. Душанбе кӯчаи Шарифҷон Ҳусейнзода, 155 E-mail: tjconservator@mail.ru
факс: **(+992)** 227-60-29, Тел: **(+992)** 227-07-20

28-уми ноябри соли 2024